## Тавзеҳот ба ҳисоботи иҷрои буҷет дар соли 2025

Барномаи буҷетии “**Таълими касбӣ, бозомузӣ ва такмили ихтисос**”
Зербарнома: Таълими касбии калонсолон
Иҷрокунанда: МД «Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир”
Дар соли 2025 барои барномаи буҷетӣ бо номи дар маҷмӯъ 95 489 561 сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд. Аз ин ҳисоб, барои зербарномаи “Таълими касбии калонсолон” 40 026 817 сомонӣ ба нақша гирифта шуд, ки аз ин ҳисоб тадбирҳои зерин амалӣ карда шуданд:
Ташкили фаъолияти таълимӣ (маблағгузории МТК)
Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027
Барномаи касбомузии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
Таъминоти методӣ ва такмили ихтисос (маркази методи+такмили ихтисос)
Лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ»

Дар зер ҳисоботи иҷрои буҷет ва тавсифи иҷрои нишондиҳандаҳои ғайримолиявии барнома дар самти ташкили фаъолияти таълимӣ оварда шудааст.

## Ҳисоботи иҷрои буҷети соли 2025

Барнома: Таълими касбӣ, бозомузӣ ва такмили ихтисос
Зербарнома: Таълими касбии калонсолон
Номи муассиса: МД «Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир”
Давраи ҳисоботӣ: Соли 2025

**Шакли №1-М: Ҳисобот оид ба иҷрои буҷет**

| № | Моддаҳои хароҷот | Буҷети тасдиқшуда (сомонӣ) соли 2025 | Иҷроиши воқеӣ (сомонӣ) соли 2025 | Фарқият (+/-) | % иҷро | Эзоҳ/Шарҳи тағйирот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Музди меҳнат | 745920 | 684983,74 | -60936,3 | 91,83 | |
| 2 | Пардохтҳо ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 186480 | 171245,97 | -15234 | 91,83 | |
| 3 | Пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 145000 | 110911,48 | -34088,5 | 76,49 | |
| 4 | Хариди маводи канселярӣ ва хоҷагӣ | 57060 | 57060 | 0 | 100 | |
| 5 | Хариди маводи таълимӣ | | | 0 | | |
| 6 | Таъмир ва нигоҳдории бино | 325000 | 325000 | 0 | 100 | |
| 7 | Хароҷоти дигар | 20000 | 20000 | 0 | 100 | |
| | **ҶАМЪ:** | 1479460 | 1369201 | **-110259** | **-7,4** | |

**Шакли №2-М: Ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои фаъолият дар соли 2025**

| № | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Нақша | Воқеӣ | Манбаи маълумот |
|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори марказҳо(филиалҳо) | адад | 39 | 52 | |
| | Шумораи касбомузон, дар маҷмуъ, аз ҷумла: | нафар | 68026 | 60115 | Ҳисоботи оморӣ |
| | Дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ | нафар | 21600 | 19805 | Ҳисоботи оморӣ |
| | Худмаблағгузор | нафар | 22718 | 16521 | Ҳисоботи оморӣ |
| | Шаҳодатномакунонии малакаи касбӣ (валидатсия) | нафар | 23708 | 14685 | Ҳисоботи оморӣ |
| | Шумораи омӯзгорони штатӣ + (шартномавӣ) | нафар | 695 | 695 | Ҳисоботи кадрӣ |
| | Таносуби донишҷӯ ба як омӯзгор | таносуб | 97,9 | 86,49 | Ҳисобӣ (Сатр1/Сатр3) |
| | Сатҳи бо кор таъминшавии хатмкунандагон (аз ҳисоби Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ) | % | | 20 | Пурсиш/Маълумоти иловагӣ |
| | Шумораи омӯзгороне, ки аз такмили ихтисос гузаштанд | нафар | 10 | 10 | Шаҳодатномаҳо/Фармоишҳо |

## Шарҳи ҳолати иҷро

Ташкили фаъолияти таълимӣ (маблағгузории МТК):
МД «Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир”

Дар давраи ҳисоботӣ дар Муассисаи давлатии “Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир”, марказҳои таълимии низоми Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорат ва дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта, 89 ҳазору 355 нафар шаҳрвандон ба курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии касбӣ ва Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия ҷалб гардиданд. Аз ҷумла, тавассути Муассисаи давлатии “Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир” 36 ҳазору 844 нафар, тавассути корхонаҳои воҳиди давлатии касбомӯзии низоми Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 13 ҳазору 328 нафар, тавассути мараказҳои омӯзиши шуғли фосилавӣ 2305 нафар, тавассути марказҳои касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ 7638 нафар ва тавассути роҳхатҳои иловагӣ дар дигар марказҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 29 ҳазору 240 нафар ҷалб карда шудаанд. Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар муасисаҳои таълимӣ **19805** нафар, тавассути худмаблағгузорӣ **16521** ва тибқи Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия **14685** нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд, ки аз шумораи умумии ин нишондиҳанда 60115 нафар танҳо тавассути марказҳои таълимӣ низоми вазорат анҷом дода шуда, нишондиҳандаи солонаи барнома дар дар сатҳи **91,7** фоиз таъмин карда шуд.

Бо мақсади ҷалби занону духтарони хонашин ва шаҳрвандон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таълимии низоми вазорат дар давоми соли 2025 - 14 ҳазору 820 нафар фаро гирифта шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри иҷрои банди 31 Нақшаи амал оид ба татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 2 ба қарори ҲҶТ №135 аз 28 марти соли 2023) дар сохтори МД «Маркази рушди ҳунармандӣ ва малакаҳои касбии муосир" боз 13 филиал дар шаҳру ноҳияиҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуд ва теъдоди он аз 39 адад дар аввали сол ба 52 адад расонида шуд.

Соли 2025 аз ҷониби кормандони Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" ба 38 ҳазору 40 нафар шаҳрванд хизматҳои касбӣ расонида шудаааст. Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо машварати касбӣ расонида шудааст, 14493 нафар шаҳрвандони бекор буда, 4032 нафар занон, 476 нафар маъюбон, 9455 нафар ҷавонони синни аз 15 то 29 сола, 1680 нафар ҷавонони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ эхтиёт рухсатшуда, 523 нафар аз маҳбас озодшуда, 2202 нафар муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан бозгашта ва 1702 нафар шахсони дорои таҳсилоти олӣ мебошанд.

Сардори Расёсати молия, таҳлил ва дурнамо Давлатзода Н.